# ҚАРОРИ

## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

30-уми декабри соли 2025, № 6. ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи доктории Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзӯи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, тақризи мушовири илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, Самандарзода Искандар Ҳусейн – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Содиқов Метархон Соқибекович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин гардидаанд, инчунин муқарризони ғайрирасмӣ докторони илмҳои иқтисодӣ Рауфӣ А., Шарифзода Б.М., Собирзода Н. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсияи докторӣ, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Собирзода Шодмон Сулаймонжон,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

**1.** Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзӯи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи талаботи бандҳои 31, 33, 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот ва илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат мекунад;

**2.** Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

**3.** Ба Собирзода Шодмон Сулаймонжон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

**4**. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Собирзода Шодмон Сулаймонжон бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

**Раиси Шуро:** Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар, муқобил -нест, бетараф -нест.

Қарор якдилона қабул гардид.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Ҷонмамадов Ш.Б.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Юнусзода Х.Қ.**

«30» декабри соли 2025